«Тасдиқ мекунам»:
Ректори Донишкадаи давлатии
забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ф., дотсент Гулназарзода Ж.Б.
_______________________________
«____» ___________2021 с.

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзуи «Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо, дар замоне, ки Тоҷикистон саргарми таҳким ва густариши давлатдории миллист, омӯзиш ва таҳқиқи афкор ва осори фалсафӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии гузаштагон аз аҳамият холӣ нест. Дар ин замина таҳқиқи осори пурғановати фалсафию ахлоқии мутафаккирини қуруни IX-XIII, ки аз давраҳои "тиллоӣ"-и рушди илму фарҳанги ниёгон маҳсуб меёбад, мақоми хосаеро пайдо менамояд. Аз ин ҷо дарки дурусти ин мерос, аз ҷумла мероси фалсафии намояндагони яке аз намоёнтарин мактабҳои илмиву фалсафи, мактаби машшоия Форобию Ибни Сино ва пайравони онҳо аҳамияти муҳим касб менамояд. Барои шинохт, аз бар намудан ва ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани ин мерос танҳо омӯзиши осори ин мутафаккирон кофи набуда, дар ин замина муҳаққикро зарур аст, ки таҳлилилу таҳқиқи ҳамаҷонибаи таҳқиқотҳои дар ин самт анҷомёфтаро ба роҳ монад.

Ибни Боҷҷа аз ҷумлаи мутафаккиронест, ки осори Форобию Ибни Синоро шарҳу тавзеҳ намуда, дар ғарби хилофат паҳн намудааст. Тавре маълум аст, осори ин мутафаккирон баъди такмили Ибни Рушд дар кишварҳои Ғарб чун фалсафаи рушдия-авверроизм паҳн гардида, нуфузи зиёде пайдо намудааст.

Маҳз дар натиҷаи талошҳои пайвастаи Ибни Боҷҷа донишмандон дар Ғарб, махсусан дар Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони

Шарқи исломӣ шинос шуданд. Албатта, Ибни Боҷҷа танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуда, балки дар самти фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсат ва ахлоқ андешаҳои тозаи худро дошт. Бо дарназардошти ин баррасӣ ва таҳқиқи афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа дар муҳити илмии собиқ шуравӣ ва пасошравӣ муҳим ва мубрам маҳсуб меёбад.

Диссертанат дар такя ба сарчашмаҳои мавҷуда таъкид менамояд, ки фалсафаи Ибни Боҷҷа ба рушди фалсафаи шарқӣ дар Андалусия таъсири амиқ расонида, ҳамчун василаи пайвандгари байни Форобӣ ва Ибни Рушд ба ташаккули ақидаҳои Ибни Туфайл таъсири бевоситаи хешро расонидааст. Ибни Боҷҷа бо муайян намудани рушди бисёр ҷиҳати мутассил ва хусусияти ақлонии фалсафаи файласуфони ғарби мусулмон дар илму фалсафа мақоми арзанда дорад, ки ин мақом ӯро дар радифи асосгузорони илми замони нав: Декарт, Галилей, Бруно, Паскал, Нютон, Спиноза қарор додааст.

Ибни Боҷҷа дар шароите зиндагӣ ва фаъолият намудааст, ки вазъи иҷтимоиву сиёсии Испания баъди забти арабҳо нисбат ба дигар қисматҳои хилофат мутафовит буд. Он ҷо арабҳо бо фарҳанги аврупоӣ бархурданд, ки аз фарҳанги исломӣ комилан тафовут дошт. Барои рушди илму фалсафа дар ин ҷо имкониятҳо бештар ба назар расида, озодии баёни ақида бештар мушоҳида мешуд, ки ҳамаи инҳо ба мутафаккирони ин минтақа, аз ҷумла Ибни Боҷҷа бетаъсир набуданд. Файласуфони мусулмони араб дар ин минтақа бештар ба он масъалаҳое аҳамият медоданд, ки зеҳни онҳоро нисбатан ба ташвиш оварда буд. Ибни Боҷҷа низ аз зумраи ҳамин файласуфон буд.

Ба андешаи диссертант тафовути фалсафаи иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа аз файласуфони дигари Шарқ дар он зоҳир мегардад, ки вай таваҷҷуҳи худро ба таҳқиқи давлат, ҳамчуноне ки ин корро Афлотун анҷом дода буд, равона намуда буд.

Дар диссертатсия Назаров Саъдулло ба масъалаи ҳастишиносии Ибни Боҷҷа таваҷҷӯҳ намуда, таъкид намудааст, ки мутафаккир дар баробари

ҷавҳари аҷсом дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва субот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор додааст.

Маърифатшиносии Ибни Боҷҷа аз масоили дигарест, ки диссертант зимни таҳқиқот ба он такя намуда, ба чунин натиҷа расидааст, ки таснифоти ҳар як навъи фаъолияти зеҳнӣ аз назари мутафаккир бо ақлу хирад алоқамандии зич дошта, мантиқ яке аз қисматҳои муҳими назарияи маърифати Ибни Боҷҷаро ташкил медиҳад.

Диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович ба таҳқиқи яке аз мавзӯҳои муҳим бахшида шуда, дорои аҳамияти баланди назариявӣ, илмӣ ва маърифатӣ мебошад.

Диссертатсия аз лиҳози мундариҷа, сохтор, мазмун ва банду баст дуруст таҳия гардида, дар он алоқамандии мантиқии бобоҳо ва зербобҳо ба назар мерасад.

Диссертатсияи Назаров С.Т. аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якуми диссертатсия **“Заминаҳои таърихӣ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа”** номгузорӣ шуда, аз се зербоб иборат аст, ки дар онҳо мураттабан авзои иҷтимоиву сиёсии замони мутафаккир, заминаҳои фарҳангиву илмии даврони ӯ ва сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоиву сиёсии мутафаккир мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор мегирад. Дар нахустзербоби боби аввали диссертатсия – **Вазъи иҷтимоӣ-сиёсии замони Ибни Боҷҷа,** диссертант дар такя ба сарчашмаҳои таърихии мавҷуда атрофи авзои иҷтимоиву сиёсии замони мутафаккир маълумот додааст. Аз назари диссертант авзои аз лиҳози иҷтимоиву сиёсӣ нооромии Испания барои хилофати арабҳо, ки мавқеи худро дар Марокаши имрӯза мустаҳкам намуда буданд, бештар мусоидат намуд, зеро кишвар бо муборизаву зиддиятҳои дохилии байни ашрофон рӯ ба рӯ гардида буд. Аз ҷониби ҳокимони маҳаллӣ

ва рӯҳониён мавриди хушунат, шиканҷа ва ғорат қарор гирифтани мардум, бахусус деҳқонон боиси ба миён омадани ҳар гуна шуру исёнҳо гардид.

Диссертант дар такя ба ҳамаи маълумоти мавҷуда қайд менамояд, ки испаниҳо кӯшиш ба харҷ медоданд, ки аз зери истисмори арабҳо озод шаванд, лекин арабҳо бо роҳу воситаҳои гуногун монеи чунин ҳаракату кӯшишҳо мешуданд. Маҳз дар чунин вазъияти мушкили иҷтимоию сиёсӣ ва дар замони тезутунди муборизаҳо барои ба даст овардани ҳокимият, Ибни Боҷҷа зиндагӣ ва фаъолият намудааст.

Дар зербоби дувуми боби аввали диссертатсия – **Заминаҳои фарҳангӣ ва илмии давраи Ибни Боҷҷа** диссертант дар такя ба асноди мавҷуда таҳқиқи масоили марбут ба мавзуро ба роҳ монда аст. Бино бар маълумоти диссертант шикасти империяи Рум дар соли 410 милодӣ наметавонист, ба фарҳанги Испания бетаъсир монад. Ин ҳодиса муҳоҷирати қабилаҳои олмониро ба нимҷазираи Пиренейск суръат бахшид. Аввалин мавҷи ин муҳоҷират ба соли 409 милодӣ, ба замоне рост меояд, ки вандалҳо ба Суевс, Алан ва Пиренейск ҳамла карданд. Марҳилаи дувум забти Испания аз ҷониби қабилаҳои ваҳшии вестготҳо (417 милодӣ) мебошад. Дар асоси маълумоти дар ин самт ҷамоваринамудаи диссертант, фарҳанги мусалмонии Испания бо ғановат, гуногунрангӣ ва мураккабии хеш аз дигар фарҳангҳо фарқ мекард. Дар даврони ҳукмронии арабҳо, рушди шаҳрсозӣ авҷ гирифт, масҷидҳо, фавворахо, пулҳои зебо, қасрҳои боҳашамат, боғҳои бузург ва ғайра сохта мешуданд.

Ҳаммаи маълумотҳои дар ин самт бадастомадаро диссертант ҷамбаст намуда таъкид менамояд, ки дар воқеъ муборизаву зиддият, бархӯрди манфиатҳои империяҳои бузург (исломӣ ва римӣ), бархурдҳои динию сиёсӣ ва идеологӣ тавонистанд таъсири худро ба ҷаҳонбинии Ибни Боҷҷа расонида бошанд. Новобаста аз вазъи мушкили иҷтимоию сиёсии давр, мутафаккир тавонистааст осри арзишмандеро, ки дар ташаккули илм ва фалсафаи замонаш таъсири бевоситаи хешро расонидаас, иншо намояд.

Дар зербоби сеюми боби аввали диссертатсия – **Сарчашмаҳои ғоявии ташаккули таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии мутафаккир** бошад, диссертант зиндагии пурталотум ва фаъолияти босамари мутафаккирро таҷассум намудааст.

Тавре диссертант қайд менамояд, Ибни Боҷҷа дар шаҳри Сарагос (Саркаста) шаҳре, ки арабҳо дар онҳо тавоф мекарданд, зода ва таҳсил намудааст. Сарагос бо сабаби ҷудо шуданаш аз хилофати Кордова мустақилият ба даст оварда буд, ки он муддати бист сол (1019- 1039) таҳти ҳукмронии сулолаи Туҷибидҳо, баъдан таҳти ҳукмронии сулолаи хурди Ҳудидҳо (1039- 1110) қарор дошт. Аз асри XIII Сарагос бо пешоҳангии Мавритания бар зидди шоҳигарии насрониёни Испанияи Шимолӣ мубориза бурд.

Бино ба иттилои диссертант аз охирҳои асри XII Сарагос маркази Арагон буд ва яке аз марказҳои сиёсии Испания ба шумор мерафт. Ин ҳолат то соли 1384 идома ёфт - то даме ки Педрои IV шаҳрро муҳосира намуд ва онро ба тасарруфи сулолаи Габсбургҳо дод. Маълумоти зиёде дар бораи ҳаёти Ибни Боҷҷа боқи намондааст. Назар ба иттиллои таърихнигор Ибни ал-Хатиб (1313 – 1374) дар байни Ибни Боҷҷа ва Ибни Туфайл муносибати дӯстона ҷой дошт. Ибни Боҷҷа ба Ибни Туфайл мадҳияҳо ва шеърҳо дар услуби мувашшаҳ бахшида, аз ҷониби ӯ бо тӯҳфаҳо қадрдони карда мешавад.

Дар зербоби мазкур диссертант ҳамчунин атрофи назари муҳаққиқони араб дар бораи вазъи илмӣ-фарҳангиии Мағрибзамин сухан ронда, дар бораи тарҷумаи осори файласуфони юнонӣ, аз ҷониби суриёниҳо маълумот дода, то замони вориди илм гардидани Ибни Боҷҷа ҳамагӣ аз чанд нафар табибон, ситорашиносон ва риёзидонҳои машҳури онҳо ёдовар мешавад.

Боби дуюми диссертатсия **“Таълимоти фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа”** унвон дошта, фарогири се зербоб мебошад. Муаллиф дар боби мазкур масоили ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии мутафаккир, таълимоти мутафаккир оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа, ҳамзамон оиди фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа маълумот додааст. Дар зербоби

аввали боби дувуми диссертатсия – **Масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ дар низоми фалсафии Ибни Боҷҷа** диссертант проблемаҳои мавриди назарро пайгирӣ намуда, атрофи он маълумоти заруриро ҷамоварӣ намудааст. Диссертант назарияи ҳастишиносии Ибни Боҷҷаро ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино шабоҳат дода, меафзояд, ки фалсафа, ҳам аз назари Ибни Боҷҷа ва ҳам аз назари Ибни Сино маърифати ашёест ба қадри тавони инсон, ки ҳама улумро шомил аст.

Диссертант назарияи ҷавҳарии аҷсоми Ибни Боҷҷа доир ба мабдаъҳои ҳастии ҷисми олами моддиро дониста онро ба ду қисм: ҷавҳар ва араз ҷудо намудааст. Ҷавҳар ҳамаи он ашёст, ки дар мавзӯъ вуҷуд дорад ва ҳастии он аз чизи дигаре вобаста нест, то ҳомили вай бошад. Пас хусусияти асосии ҷавҳар он аст, ки вай ҳастии мутлақ аст. Вале мутлақияти ҷавҳар аз назари Ибни Боҷҷа нисбист, зеро Худованд аз рӯи зот, мартаба ва вазъ ба он пешӣ дорад ва гарчи ба маънии зикршуда ҷавҳар нест (чунонки Фомаи Аквинӣ, Декарт ва Спиноза мепиндоштанд), вале муҳаррики аввал ва сабаби ниҳоии ҷавҳар аст.

Диссертант бар он назар аст, ки дар фалсафаи маърифати Ибни Боҷҷа мантиқ мақом ва ҷойгоҳи хосаеро касб менамояд ва Ибни Боҷҷа аз зумраи файласуфони ақлгароест, ки ба қудрату тавони ақл боварии фаровон дорад.

Аз диди диссертант як қатор ҷараёнҳои ратсионалӣ, монанди мӯътазила, машшоия, калом, ба таври ошкоро ба ақл ҳамчун ба воситаи маърифат ва нерӯи роҳбарикунандаи рафтори инсон муносибат менамоянд ва ин принсипро дар амал татбиқ мекунанд.

Дар зербоби дувуми боби дувуми диссертатсия – **Таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба моҳияти шахсият ва ҷомеа** мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Вобаста ба масъалаи мавриди назар диссертант ан дешаҳои Ибни Боҷҷаро баррасӣ намуда қайд менамояд, ки аз назари мутафаккир, улуми иҷтимоӣ он намуди амал ва рафторҳоеро мавриди омӯзиш қарор медиҳад, ки ба ирода асос ёфтаанд.

Аз назари муҳаққиқ рисолаи нотамоми “Тадбир ал-мутаваҳҳид”-и Ибни Боҷҷа ба масоили бо кадом роҳу воситаҳо файласуф ё гурӯҳи файласуфон

метавонанд накукории олии зеҳнӣ ва ахлоқиро дар доираи ҷомеа, ки аз мукаммалият дур аст, ба даст оранд, бахшида шудааст.

Дар зербоби сеюми боби дувуми диссертатсия – **Фалсафаи амалии Ибни Боҷҷа** мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Зимни таҳқиқ диссертант ба хулосае омадааст, ки Ибни Боҷҷа новобаста аз оне, ки дар бисёр маврид ба андешаҳои фалсафии Афлотун, Арасту, Форобӣ, Ибни Сино ҳамфикр аст, дар баъзе ҳолатҳо, онҳоро зери тозиёнаи танқид қарор додааст. Ҷонибдорӣ ва муқобил будани худро мутафаккир дар рисолаҳои “Рисолат ул-вадаъ” ва “Тадбир ул-мутаваҳҳид” баён намудааст. Дар рисолаи “Рисолат ул-вадаъ” як қатор масъалаҳое баррасӣ карда шудаанд, ки ақидаҳои парокандаи файласуфро нисбат ба аввалин қувваи баҳаракатдароваранда, мақсади инсон, ва нерую қудрати инсон бо ақлу хиради фаъол ва ғайра ташкил медиҳанд.

Дар такя ба гуфтаҳои боло диссертант ба чунин натиҷа расидааст, ки Ғояҳои илмиву фалсафии Ибни Боҷҷа бахшандаи илҳом дар мероси гуногуншакли фалсафӣ ва илмии гузашта буда, тамоми силсилаи ҷустуҷӯҳои мураккаби хушбахтӣ ва худмуайянкуниро дар ин ҷаҳони пуртазод инъикос намудааст.

Дар хулосаи диссертатсия Назаров Саъдулло Турахонович аз натиҷаи умумии дар рафти таҳқиқи бадастомада сухан мегӯяд.

Ба диссертант муяссар гардидааст, ки дар такя ба сарчашмаҳои ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқи мавзуро дуруст ба роҳ монад ва ба ҳадафи хеш расад.

Бо вуҷуди дар сатҳи зарурӣ иншо гардидани диссертатсия дар баробари дастовардҳо баъзе камбудиву норасоиҳоро низ дар он дучор омадан мумкин аст:

- Дар диссертатсия камбудиҳои имлоиву техники хеле зиёд ба назар мерасад ва он ба таҳрири ҷиддӣ зарурат дорад;

- Дар диссертатсия ҳолатҳои такрорёбии фикр ба назар мерасанд. Масалан, дар саҳифаҳои 9 ва 10 ва 9 ва 11 айнан такрор шудани фикр мушоҳида мегардад;

- Дар диссертатсия дар бисёр ҳолатҳо пайванди мантиқии фикр ба

назар намерасад;

- Дар диссертатсия истифода аз сарчашма ва ё адабиёти форсӣ ба назар намерасад. Ин дар ҳолест, ки муҳаққиқони эрони дар ин масъа таҳқиқотҳои зиёде анҷом додаанд.

Қобили қайд аст, ки камбудиҳои ишорашуда арзиши илмии диссертатсияро коста намекунанд ва он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16-и "Тартиби додани унвонҳои илмӣ ва дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ аст ва диссертант Назаров Саъдулло Турахонович сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода суратҷаласаи № 9 аз 07.04.2021 муҳокима ва тасдиқ гардидааст.

Раисикунанда: н.и.ф., дотсент, мудири
кафедраи фалсафа ва сиёсатшиносии
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода, 734003,
ш. Душанбе, к. Муҳаммадиев 17/6
тел.: (992 37) 232 -51-04 Маҷидов Д.Ҳ.

Омодакунандаи лоиҳаи тақриз: н.и.ф. Сулаймонов Б.С.

Котиби ҷаласа: Азизмуродов М.Р.

Имзои Маҷидов, Сулаймонов, ва Азизмуродовро
тасдиқ мекунам: мудири шуъбаи кадрҳои
ДДЗТ ба номи Сотим Улуғзода Наҷмуддинов Ш.М.